# АРЗЁБИИ ТАЪСИРИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҶТИМОӢ

**Июли соли 2019**

**Лоиҳаи роҳсозии марбут ба Даҳлезҳои 2, 3 ва 5 – ум (Обигарм - Нуробод) дар доираи ҳамкории иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ**

Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ

## ҶАМЪБАСТИ ҒАЙРИТЕХНИКӢ

## Мундарича


1 МУҚАДДИМА ........................................................................................5
2 ҲАДАФИ ҶАМЪБАСТИ ҒАЙРИТЕХНИКӢ ЧИСТ? ..............................................5
3 ЛОИҲА ЧИРО ДАР БАР МЕГИРАД?........................................................5
4 ЛОИҲА БАРОИ ЧӢ АМАЛӢ КАРДА МЕШАВАД? ..........................................7
5 ОЁ ИШТИРОКДОРИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР СУРАТ МЕГИРАД?...............7
6 ЛОИҲА ЧИГУНА АРЗЁБӢ КАРДА МЕШАВАД? ..............................................8
6.1 ТАЛАБОТИ БАТР ВА БОР ..........................................................8
7 ОЁ ВАРИАНТҲОИ АЛТЕРНАТИВӢ МАВРИДИ БАРРАСӢ ҚАРОР ГИРИФТААНД? 10
8 ТАЪСИРОТИ ЭҲТИМОЛИИ ЛОИҲА НИСБАТИ МАТЛАБҲОИ ПОЁНӢ ЧИГУНААНД? ....................................................................... 11
8.1 ТАЪСИР БА СИФАТИ ҲАВО ........................................................ 11
8.2 ТАЪСИР БА ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ ВА ЗАХИРАҲОИ ТАБИИИ ЗИНДА...... 12
8.3 ТАЪСИР БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ – ПАРТОБҲОИ ГАЗИ ГАРМХОНАҲО ... 15
8.4 ОСЕБПАЗИРӢ АЗ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ........................................ 16
8.5 ТАЪСИР БА МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ ................................................ 17
8.6 ХАВФҲОИ ТАБИӢ ...................................................................... 17
8.7 ГЕОЛОГИЯ ВА ХОК ................................................................... 18
8.8 МАВЗЕЪ ВА МАНЗАРА................................................................ 19
8.9 ЗАХИРАҲОИ МОДДӢ ВА ПАРТОБҲО ............................................ 20
8.10 САДО ВА ЛАРЗИШ..................................................................... 20
8.11 МУҲИТИ ОБ ............................................................................ 21
8.12 ТАЪСИРОТИ ИҶТИМОӢ.............................................................. 23
9 ДАР ДОИРАИ ЛОИҲА ТАЪСИРОТИ ОН ЧИГУНА МАВРИДИ ИДОРАКУНӢ МОНИТОРИНГ ҚАРОР ДОДА МЕШАВАД?........................................... 25
10 НАҚШАИ ИШТИРОКДОРИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР (НИҶМ)............... 25
11 МАЪЛУМОТИ МИНБАЪДА ВА МУФАССАЛОТ БАРОИ ТАМОС ..................... 25


**Нақшҳо**


Нақши 1: Ивази роҳи мавҷуда ва пешниҳодшавандаи M41 (дар доираи Лоиҳа)..6
Нақши 2: Маҳалу ҷойҳои барпо кардани машваратҳои ҷамъиятӣ (Август / октябри соли 2018) .........................................................................7

## ИХТИСОРОТ ВА АКРОНИМҲО

| | |
|---|---|
| **ADB (БОР)** | Бонки осиёии рушд |
| **BMP (НИГБ)** | Нақшаи идора кардани гуногунии биологӣ |
| **CEP (КҲМЗ)** | Кумитаи ҳифзи муҳити зист |
| **CHMP (НИМФ)** | Нақшаи идора кардани мероси фарҳангӣ |
| **EBRD (БАТР)** | Бонки аврупоии таҷдид ва рушд |
| **ESIA (АТЭИ)** | Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ |
| **ESMP (НИЭИ)** | Нақшаи идора кардани экологӣ ва иҷтимоӣ |
| **EU (ИА)** | Иттиҳоди Аврупо |
| **GRC (КБАШ)** | Кумитаи баррасии арзу шикоят |
| **GRM (МБАШ)** | Механизми баррасии арзу шикоят |
| **Ha (Га)** | Гектар |
| **HPP (НБО)** | Неругоҳи барқи обӣ |
| **LARP (НБЗКС)** | Нақшаи бегонакунии замин ва кучонидани сокинон |
| **LWCMP (НИШМК)** | Нақшаи идора кардани шароити меҳнатӣ ва корӣ |
| **MoT (ВН)** | Вазорати нақлиёт |
| **NTS (ҶҒТ)** | Ҷамъбасти ғайритехникӣ |
| **PIURR (МТЛТР)** | Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо (тобеъ ба ВН) |
| **PR (ТНИК)** | Талабот оиди натиҷаҳои иҷроиши корҳо |
| **REA (АФЭ)** | Арзёбии фаврии экологӣ |
| **SPS (БСТК)** | Баёнияи сиёсат оиди таъмини кафолатҳо |
| **TRTA (КТМ)** | Кумаки техникӣ барои муомилот |

## ЛУҒАТ

| | |
|---|---|
| **Ҳукумат** | Маъмурияти ноҳия дар Тоҷикистон |
| **Ҷамоат** | Маъмурияти сатҳи зерноҳия |
| **Бегонакунии замин** | Мафҳуми равандест, ки тавассути он шахси инфиродӣ, хонавода, ширкат ва ё муассисаи хусусӣ аз ҷониби агентии давлатӣ маҷбуран аз тамоми ва ё қисме аз замин / дороиҳояш барои мақсадҳои давлатӣ дар бадали иваз кардан дар шакли моддӣ ва ё ҷуброни арзиши ивазкунанда бегона карда мешавад. |
| **Нақшаи бегонакунии замин ва кучонидани сокинон** | Нақшаи амалҳои муҳлатнок бо муқаррар сохтани буҷа барои ҷубронпулиҳо ҷиҳати замин \ дороиҳои мавриди таъсир ва дар робита бо стратегия, мақсад, ҳуқуқи иҷтимоӣ, амал, масъулият, мониторинг ва арзёбиихо. |

| | |
|---|---|
| **(НБЗКС)** | |
| **Ғайриҳақдор (беҳуқуқ)** | Онҳоеро ифода мекунад, ки ҳуқуқ ва ё даъвои қобили эътироф нисбати замине, ки ишғол кардаанд, надоранд. |
| **Кучониш (кучонидан)** | Ин мафҳум тадбирҳои иҷрошавандаеро дар бар мегирад, ки барои заиф (сабук) кардани тамоми таъсироти манфии Лоиҳа нисбати моликият ва / ё ки воситаҳои рузгузаронӣ равона карда мешаванд. Он ҷубронпулӣ, кучониш (дар ҳолати мавриди татбиқ будан) ва барқарорсозиро тибқи зарурат дар бар мегирад. |

*Эзоҳ: Ҷамъбасти ғайритехникии мазкур (ҶҒТ) аз номи БАТР аз ҷониби WSP таҳия карда шудааст, ки дар он маълумот ва натиҷаҳои арзёбии кори аз ҷониби мушовирони Бонки осиёии рушд (БОР) анҷомёфта мавриди истифода қарор дода шудааст.*

## 1 МУҚАДДИМА

Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо (МТЛТР) - и Вазорати нақлиёт (ВН) пешниҳод менамояд, ки дар қаторкуҳи тарафи шимолии водии дарёи Ваҳдат барои 76 км – и роҳи М-41 роҳи ивазкунанда сохта шавад. Роҳи нав аз тариқи анҷом додани маҷмуи корҳои тармимӣ, такмилӣ ва сохтмони пулҳои нав 3 нақби нав ва 17 пулро дар бар мегирад.

## 2 ҲАДАФИ ҶАМЪБАСТИ ҒАЙРИТЕХНИКӢ ЧИСТ?

Ҷамъбасти ғайритехники (ҶҒТ) - и мазкур роҳи осони фаҳмиши хулосаи маълумотеро дар бар мегирад, ки дар Гузориш оиди арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ (АТЭИ) оварда шудааст. Ҳадафи ҶҒТ иборат аз фароҳам кардани кумак ба аҳли ҷомеа барои дарк кардани таърихчаи Лоиҳа, тавсифи Лоиҳа, раванди АТЭИ, таъсироти эҳтимолии манфии экологӣ ва иҷтимоии Лоиҳа ва тадбирҳои сабуккунандаи мавриди пешниҳод барои таҳкиму тақвияти манфиатҳо ва коҳиш додани ҳаргуна таъсироти манфии марбут бо Лоиҳа мебошад.

## 3 ЛОИҲА ЧИРО ДАР БАР МЕГИРАД?

Лоиҳаи роҳсозии Обигарм – Нуробод сохтмони 76 км – и роҳ дар Тоҷикистон, масофаи байни Обигарм дар Ғарб ва Нуробод дар Шарқро дар бар мегирад. Он роҳи мавҷудаи М-41 – ро, ки зери оби обанбори сарбанди Роғун, ҳамчун қисме аз лоиҳаи НБО, фуру хоҳад рафт, иваз мекунад. Хаттисайри нави М-41 тақрибан 1 км шимолтар ба таври параллелӣ ба трассаи мавҷудаи М-41 ҷойгир хоҳад шуд. Он дар қаторкуҳи тарафи шимолии водии дарёи Ваҳдат дар баландии аз 1,305 то 1,890 м аз сатҳи баҳр воқеъ хоҳад шуд.

Лоиҳаи қаблӣ оиди ба баландии бештар кучонидани роҳи мавҷудаи М-41 ҳануз дар соли 1984 шуруъ шуда буд. Лоиҳаи мазкури роҳсозӣ асосан дар тули ҳамон як трассае дар назар буд, ки барои ин Лоиҳа пешниҳод карда мешавад, ҳарчанд тарҳрезии он дар муқоиса бо тавсифоти техникие, ки ҳоло пешниҳод карда мешавад, дар дараҷаи пасттар анҷом дода шуда буд. Сохтмон дар фосилаи байни солҳои 1984 то 1992 амалӣ гашта буданд ва таҳкурсии роҳ ва якчанд пул сохта, ба анҷом расонида шуда буданд, вале корҳои сохтмонӣ дар аснои пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ боздошт шуданд. Трассаи кунунӣ комилу яклухт набуда, дар солҳои дахолат аз лаҳзаи шуруи сохтмон мавриди нигоҳубин қарор надошт. Мавқеи ҷойгиршавии Лоиҳа дар поён дар Нақши 1 нишон дода шудааст.

*Нақши 1: Ивази роҳи мавҷуда ва пешниҳодшавандаи М-41 (Лоиҳа)*




*Манбаъ: Тоҷикистони ҷанубӣ – Харитаи сайёҳӣ, Харитаҳои Гекко.* [*www.geckomaps.com*](http://www.geckomaps.com)

Лоиҳа ба се баста тақсим карда шудааст:

- Бастаи 1: Қисмати Обигарм – Тагикамар қариб 30 км масофа дошта, 2 нақб бо дарозии 1.6 км ва 1.7 км ва тақрибан бо масофаи умумии 30 км роҳҳои пайвастшавиро дар бар мегирад;
- Бастаи 2: Қисмати Тагикамар – Нуробод тақрибан 44 км дарозӣ дорад. Он иборат аст аз 1 нақб бо дарозии 2.6 км ва 1 пули муваққатӣ ва роҳҳои пайвастшавӣ бо дарозии тақрибан 40 км; ва
- Бастаи 3: иборат аст аз як пул бо дарозии тақрибан 760 м ва роҳҳои пайвастшавӣ ба он.

ҶҒТ – и мазкур Бастаҳои 1 ва 2 – юмро аз Обигарм то Нуробод фаро мегирад, ки тарҳрезии онҳо дар марҳалаи хеле пешрафта ҷойгир аст. Арзёбии алоҳидаи Бастаи 3 – юм дар оянда, ҳангоми омода шудани тарҳрезӣ барои Бастаи мазкур анҷом дода хоҳад шуд.

Боз корҳои дигаре ҳам дар робита бо Лоиҳа илова ба сохтмони роҳ вуҷуд доранд, ки иборатанд аз:

- Маҳали конҳо (маҳали карйерҳо);
- Маҳали нигоҳдорӣ ва партоби хок – азнавсозии муҳандисии нишебиҳо ва деворaҳо хокҳои зиёдатӣ ба вуҷуд моваранд ва қисматҳои нақбсозӣ маводи сангӣ истехроҷ мекунанд;
- Маҳалҳои истеҳсол / коркарди бетон, асфалт (ки барои рупуш кардани роҳҳо истифода карда мешаванд) ва сангмайдакунӣ;
- Лагерҳои сохтмонӣ (утоқҳои корӣ, нигаҳдорӣ, хазматрасонии техникӣ ва ҷойгиркунии коргарон);
- Сохтмони хатсайрҳои муваққатӣ барои пайваст шудан ба маҳали объектҳо барои овардани мавод ба ингуна мавзеъҳо; ва

- Сохтмони роҳҳои пайвастшавии доимии деҳот ба трассаи амаркунанда аз деҳаҳо.

Трассаи лоиҳа ба ҳабдаҳ деҳа наздик воқеъ хоҳад шуд. Се деҳа бо трассаи нави роҳ миёнабур карда хоҳад шуд, дар се деҳа сохторҳои пулии мавҷуда насб карда хоҳанд шуд ва роҳ аз наздикии деҳаҳои боқимонда мурур хоҳад кард.

Интизор меравад, ки сохтмон дар семоҳаи якуми соли 2020 оғоз карда хоҳад шуд.

## 4 ЛОИҲА БАРОИ ЧИ АМАЛӢ КАРДА МЕШАВАД?

Лоиҳаи Неругоҳи барқии оби (НБО) - и Роғун, воқеъ тақрибан 100 км шарқтар аз Душанбе, барои истифода бурдани иқтидори барқӣ – обии дарёи Ваҳдат амалӣ карда мешавад. Вақте ки сарбанд сохта шуд, ва обанбор ба сатҳи заруриаш мерасад, он роҳи мавҷудаи М-41 – ро, ки аз Душанбе то марзи Ҷумҳурии Қирғизистон дар Қоромиқ меравад, фаро мгирад. Интизор меравад ки, комилан зери об мондани роҳи мавҷудаи М-41 дар соли 2025 сурат хоҳад гирифт.

Зарур аст, ки Лоиҳа халалдор шудани дастрасии дохили минтақаро, махсусан ба марказҳои шаҳрдорӣ, шуғлу ҷои кор, таҳсилот ва хизматрасониҳо ҳангоми зери оби обанбори сарбанди Роғун фуру рафтани роҳи мавҷудаи М-41 пешгирӣ намояд.

## 5 ОЁ ИШТИРОКДОРИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР СУРАТ МЕГИРАД?

Мушовири Кумаки техникӣ барои муомилот (КТМ) ва МТЛТР дар тули трассаи Лоиҳа дар моҳҳои август ва ноябри соли 2018 шаш чорабинии машваратӣ бо хонаводаҳои мавриди таъсир ва аҳли васеътари ҷамоаҳо анҷом доданд. Онҳо ҳамчунин ҳафт тадбири машваратӣ бо мақомоти ҳукуматӣ ва ҷамоатӣ (мансабдорони маҳаллӣ) ва чор гуруҳи занон барпо намуданд.

Дар маҷмуъ, 163 нафар (131 мард ва 32 зан) дар машваратҳое, ки дар моҳҳои сентябр ва ноябри соли 2018 гузаронида шуда буданд, иштирок намуданд. Маҳали барпо кардани машваратҳо (моҳҳои август /октябри соли 2018) дар Нақши 2 нишон дода шудааст.

Баруйхатгирӣ 157 хонаводаеро муайян кард, ки метавонистанд мавриди таъсири Лоиҳа қарор гиранд. Теъдоди умумии аҳолӣ аз ин хонаводаҳо 1,395 нафарро ташкил медиҳад. Иловатан, 17,057 $м^2$ заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 55,584 $м^2$ заминҳои ҷамоатҳо эҳтимоли қарор гирифтан дар зери таъсири Лоиҳаро доранд.

***Нақши 2: Маҳалҳо барои гузаронидани машваратҳои ҷамъиятӣ (моҳҳои август / октябри соли 2018)***




*Манбаъ: Тоҷикистони ҷанубӣ – Харитаи сайёҳӣ, Харитаҳои Гекко.* *[www.geckomaps.com](http://www.geckomaps.com)*

## 6 ЛОИҲА ЧИГУНА АРЗЁБӢ ШУДААСТ?

Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) ҳамчун ҷониби имзокунандаи Принсипҳои аврупоӣ роҷеъ ба муҳити зист пайрави мусоидат ба аз ҷониби лоиҳаҳои аз ҷониби БАТР молиягузорӣ шаванда қабул шудани принсип, амалия ва меъёрҳои моҳиятан муҳимиҳои экологии ИА мебошад, то ки онҳо дар сатҳи лоиҳа сарфи назар аз маҳали ҷойгиршавии ҷуғрофияшон тавонанд мавриди татбиқ қарор дода шавнд. Барои ҳамин, ин принсипҳо, амалияҳо ва меъёрҳо ҳангоми арзёбӣ ба назар гирифта шудаанд.

Лоиҳа дар робита бо меъёрҳои моҳиятан муҳими экологии ИА, аз он ҷумла (ва на танҳо) Директиваи 2014/52/EU – и Парламенти Аврупо ва Шурои воридкунандаи иловаю тағйирот ба Директиваи 2011/92/EU роҷеъ ба Арзёбии таъсироти баъзе Лоиҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ ба муҳити зист (Директиваи EIA) мавриди арзёбӣ қарор гирифта аст .

Ҳангоми мавҷудияти ихтилофот байни муқаррароти кишвари қабулкунанда ва меъёрҳои моҳиятан муҳими экологии ИА интизор меравад, ки Лоиҳа ҷиддитаринашонро риоя хоҳад кард.

### 6.1 ТАЛАБОТИ БАТР ВА БОР

АТЭИ тибқи дастурамали Баёнияи сиёсати таъмини кафолатҳои Бонки осиёии рушд (БСТК аз соли 2009) ва Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии БАТР аз соли 2014 (СЭИ аз соли 2014) таҳия карда шудааст.

Ба таври мушаххас, Лоиҳа барои мутобиқат ба Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ) ва Талабот нисбати натиҷаҳои иҷроиш (ТНИ) – и БАТР (аз соли 2014) таълиф дода шудааст, ки онҳо чунинанд:

- ТНИ1: арзёбӣ ва идораи экологӣ ва иҷтимоӣ;
- ТНИ2: шароити меҳнат ва кор;
- ТНИ3: пешгирӣ ва рафъи ифлосшавии муҳит;
- ТНИ4: тандурустӣ, бехатарӣ ва амният;

- ТНИ5: бегонакунии замин, кучиши ғайриихтиёрӣ ва интиқолёбии иқтисодӣ;
- ТНИ6: ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиии зинда;
- ТНИ7: таҳҷоӣ (дастрас нест – дар маҳали Лоиҳа вуҷуд надорад)
- ТНИ8: мероси фарҳангӣ;
- ТНИ9: миёнаравони молиявӣ (дастрас нест); ва
- ТНИ10: ошкорбаёнӣ нисбати маълумот ва иштирокдории ҷонибҳои манфиатдор.

Лоиҳа тамоми тадбирҳои қобили маъқулро барои канорагирӣ, то ҳадди ақал коҳиш додан ва ё ки тахфифи тағйироти манфӣ дар шароити экологӣ ва иҷтимоӣ ва таъсирот ба тандурустӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ, махсусан нисбати ҳаргуна таъсироти ғайримуносиб (нобаробар) ба ягон гуруҳи одамон дар натиҷаи ҷинс, синнусол, қавмият, маъюбият, мақоми иҷтимоию иқтисодӣ ва / ё ки дигар хусусиятҳои шахсӣ дар бар мегирад.

Он конвенсия ва протоколҳои марбутаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоиро мутобиқи тарзи ба қонунгузории миллӣ ворид шуданашон ба эътибор мегирад.

Баёнияи сиёсати таъмини кафолатҳои БОР ҳадафу вазифаҳои умумии таъмини кафолатҳои БОР – ро тавсиф дода, раванди амали сохтани сиёсати таъмини кафолатҳои БОР – ро инъикос мекунад .

БСТК се сиёсати қаблии таъмини кафолатҳоро роҷеъ ба матлабҳои зерин тақвият мебахшад:

- Муҳити зист;
- Кучиши ғайриихтиёрӣ; ва
- Мардуми таҳҷоӣ,

Он се сиёсати таъмини кафолатҳоро дар як сиёсати ягона муттаҳид намуда, иртиботи дохилӣ ва ҳамгироии муштараки онҳоро тақвият мебахшад ва таъсиру хавфҳои экологӣ ва иҷтимоиро мавриди баррасӣ ва ҳаллуфасли ҳамаҷонибатар қарор медиҳад.

БСТК ҳадафи мусоидат намудан ба устувории натиҷаҳои ниҳоии Лоиҳаро дорад, ки тавассути муҳофизати муҳити зист ва одамон аз таъсироти манфии эҳтимолии Лоиҳа таъмин карда мешавад, ва амалӣ карда мешавад аз тариқи:

- то ҳадди имкон канораҷуӣ кардан аз таъсироти манфии лоиҳаҳо ба муҳити зист ва одамони мавриди таъсир;
- то ҳадди ақал коҳиш додан, тахфиф бахшидан ва / ё ки ҷуброн намудани таъсироти манҷии лоиҳаҳо ба муҳити зист ва одамони мавриди таъсир, вақте ки канораҷуӣ аз онҳо номумкин аст; ва
- кумак намудан ба қарзгирандагон / муштариён ҷиҳати таҳким бахшидан ба низоми таъмини кафолатҳояшон ва рушд додан ба иқтидорҳояшон нисбати идоракунии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ.

Замима ба Замимаи 1 – и БСТК чорчуби гузоришоти Арзёбии таъсири экологиро муқаррар мекунад, ки ҳуҷҷати мазкур аз формати он пайравӣ мекунад.

# 7 ОЁ АЛТЕРНАТИВАҲО БА НАЗАР ГИРИФТА ШУДААНД?

Зери об фуру рафтани роҳи мавҷудаи М-41 дастрасӣ ба шаҳракҳои Обигарм ва Нурободро аз байн бурда, тақрибан 73,000 нафар одамро мавриди таъсир мегузорад. Барои ҳамин, “варианти “Лоиҳа даркор нест”” оқибатҳои ҷиддии иҷтимоӣ медошт, ва минбаъд бар асари ҷиддияти оқибатҳои манфиаш мавриди баррасӣ қарор нагирифта аст.

Ба ҳайси қисмате аз тарҳрезии умумии лоиҳа даҳлезҳои алтернативӣ баррасӣ карда нашудаанд, чунки чунин даҳлезҳо инҳирофи дарозтареро аз тариқи водиҳои ҳамҷавор тақозо мекарданд, ва дастрасиро ба шаҳракҳои Нуробод ва Обигарм ва дигар деҳаҳо, воқеъ дар тули трассаи мавҷуда, ҳангоми зери об фуру рафтани роҳи М-41 таъмин намекарданд.

Вариантҳои алтернативии трасса дар ҳудуди водии дарёи Ваҳдат ба сабаби топографияи то рафт ҳарчи мураккабтар (кухсор) ва шароити ҷуғрофӣ дар самти шимол, ва инчунин таъсири ҷудошавӣ (мунъазил шудан) дар натиҷаи пур кардани оби сарбанди Роғун ва обанбор дар самти ҷануб маҳдуд мебошанд.

Трассаи пешниҳодшаванда ҳануз дар замони шуравӣ тасбит шуда буд, ва аз ҳаргуна рушду ободкунӣ муҳофизат карда мешуд. Корҳои қаблӣ иборат буданд аз корҳои заминӣ ва аз растаниҳо тоза кардан, ки вазъи воқеӣ (физикӣ) ва истифодаи замини роҳро тағйир дода буданд. Қобили маъқул аст фарз кард, ки таъсироти манфии экологӣ ва иҷтимоии марбут бо ҳаргуна трассаи алтернативӣ нисбат ба трассаи муқарраркардашуда эҳтимолан бештар мешуданд, чунки ин ҷиҳати мавқеъҳои нав ташвиш ба миён меовард. Бинобарин, ҳангоми арзёбии алтернативаҳо таваҷҷӯҳи умда ба трассаи муқарраршуда ва вариантҳо оиди ворид кардани тағйирот ба трассаи мазкур равона карда шудааст, ки дар марҳалаи тарҳрезӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Бо дарназардошти ин, як қатор тағйироти хеле хурди трассаи хатсайри мазкур (масалан, тағйироти хурди трасса бо даҳлези пешниҳодшаванда) ворид карда шуданд, аз он ҷумла:

- Тағйири ночизи трасса барои канор рафтан аз гуристон;
- Тағйирот барои буриши нишебиҳо ва печидагиҳои роҳ;
- Тағйирот / азнавсозии пулҳо; ва
- Иловаҳо ба нақби 3 барои рафъи дарозии печидагиҳои роҳ барои беҳтар кардани муддати сафар ва бехатарии роҳ.

Як қатор тағйирот дар тарҳрезӣ барои беҳтар кардани бехатарии роҳ анҷом дода шуданд, ки дар ҷавоб ба матлабҳои дар машваратҳои бо аҳли ҷамоаҳо зикршуда ва санҷиши (аудити) бехатарии роҳ, ки дар моҳи ноябри соли 2018 сурат гирифта буд, қабул карда шуданд, ки иборатанд аз:

- Маҳдудияти тавсияшавандаи суръат то 40 км/с дар деҳаҳо татбиқ карда хоҳад шуд.
- Мавзеъҳои ҳимояшавандаи пиёдагардон дар деҳаҳо;
- Ҷойҳои гузариш дуртар аз пайроҳаи гардиши нақлиёт ба хотири коҳиш додани эҳтимолияти садамаҳо;
- Нишонҳои огоҳкунанда дар тамоми ҷойҳои гузариши пиёдагардон;
- Беҳбудии расми самту нишонҳои роҳ;

Дар раванди тарҳрезӣ як қатор маводи алтернативӣ ва техникаи (усулҳои) сохтмон ба эътибор гирифта шуданд. Ин рафъи шифер (асбест) – ро аз тарҳрезӣ дар бар гирифт, ки барои риоя кардани талаботи БАТР мебошад.

# 8 ТАЪСИРОТИ ЭҲТИМОЛИИ ЛОИҲА ДАР ЧИСТ?

## 8.1 СИФАТИ ҲАВО

Роҳи Лоиҳа аз тариқи мавзеъҳои нисбатан кӯҳистонӣ мегузарад, ки дар тули роҳ деҳаҳои хурд воқеъ ҳастанд. Даҳлези Лоиҳа ягон манбаи саноатии ифлосшавиро дар бар намегирад; бинобарин, манбаи асосии ифлосшавии ҳаво дар минтақа ҳамчун сузишворӣ истифода кардани маводи сухти органикӣ барои гармӣ ва ғизо омода кардан мебошад. Манбаи дуюми аз ҳама паҳншудаи партобҳо ба атмосфера – ин партоби газҳои аз воситаҳои нақлиёт беруншаванда ва чангу ғубори аз нақлиёт бархезанда мебошанд. Мушоҳидаҳои дар маҳалҳо анҷомдодашуда дар моҳҳои август ва сентябр ҳаракати танҳо якчанд воситаи муҳаррикдори нақлиётро дар трасса ошкор намуданд. Дар ин давра тарзи афзали ҳаракат дар трасса ҳаракати пиёда ва аробаҳои маркаб (хар) ба назар расиданд.

### 8.1.1 Сохтмон

Фаъолиятҳои сохтмонии марбут ба Лоиҳа эҳтимолияти дар натиҷа овардан ба таъсироти манфӣ нисбати сифати ҳаворо доранд. Ин иборат аст аз:

- Партоби газ тавассути воситаҳои нақлиёт ва техника;
- Мошинҳои чанг барангезанда ҳангоми гузариш аз роҳҳои рупушношуда;
- Партоби чангу ғубор аз корҳои шикастанӣ ва сохтмонӣ;
- Дуди аз корҳои сохтмони роҳ бархезанда ҳангоми корҳои битумӣ;
- Корҳои кафшерӣ метавонанд боиси партоби аэрозоли кафшергарӣ ва партоби моноксиди манган шаванд; ва
- Кори бетону сементӣ барои сохтани пулҳо метавонад боиси партоби чанги семент гардад;

Чанг метавонад бо якчанд сабабҳо мушкилӣ эҷод кунад:

- Партобҳо аз мошинҳо ва корхонаҳо метавонанд барои саломатии одамон таъсири манфӣ дошта бошанд.
- Афзоиши сатҳи чанг метавонад ба саломатии одамон тавассути илтиҳоби чашмон таъсир расонад ва саломатии одамони бемориҳои бронхиалӣ (масална, диққи нафас) доштаро бадтар созад;
- Ноҳинҷорӣ барои мардуми маҳаллӣ – чанг метавонад ғизои дар хонаҳои берун мондаро ифлос кунад;
- Чанг метавонад зироатҳоро хароб созад;
- Дар ҳудуди мавзеи сохтмон чанг метавонад барои таҷҳизоти ҳассос, аз қабили компютерҳо, мушкилии механикӣ ё барқиро би миён орад.
- Он ҳамчунин метавонад хурдашавии қисмҳои ҳаракаткунандаи таҷҳизот ва рустшавии филтрҳои ҳаворо сабаб гардад.

Бидуни тадбирҳои кофии тахфифкунанда, ин ангезаҳо метавонанд ба аҳолии маҳаллӣ ва инчунин коргарони мавзеъҳо таъсир расонанд.

### 8.1.2 Истифодабарӣ

Истифодабарии роҳ воситаҳои нақлиётро ба муҳите ворид месозад, ки дар он ҷо қаблан ягон ҳаракати нақлиёт вуҷуд надошт. Барои ҳамин, дар натиҷаи афзоиши ҳаракати нақлиёт афзоиши партобҳо низ сурат хоҳад гирифт. Вале, ба туфайли беҳдошти рупуши оҳ чунин шуморида мешавад, ки воситаҳои нақлиёт бештар озодона ҳаракат хоҳанд кард, ва партобҳо бадтар нахоҳанд шуд.

### 8.1.3 Сабуккунӣ (тахфиф бахшидан)

Ҳангоми марҳалаи сохтмонӣ тадбирҳои зерини тахфифӣ анҷом дода мешаванд:

- Маводи сусттаркиб бо мошинҳои боркаши пушида / болопушшуда мавриди интиқол қарор хоҳанд гирифт, ки аз бархестани чанг пешгирӣ карда шавад;
- Тамоми нақлиёт ва таҷҳизот дар ҳолати хуби техникӣ қарор хоҳанд дошт ва ба таври самаранок кор хоҳанд кард;
- Барои коҳиши чанг мошинҳои обпошӣ дар роҳҳо ҳамчун чангнишонии фаъолона истифода карда хоҳанд шуд;
- Корхонаҳои асфалт, мавзеъҳои ҷамъуандухт ва омезиши бетон дар қитъаҳои маҳдуд (мунъазил) (ҳадди ақал 500 м дур аз манбаъҳои қабулкунандаи ҳассос) ҷойгир карда хоҳанд шуд;
- Таъмини таҷҳизоти чархшуӣ дар лагери сохтмонӣ, даромадгоҳҳои нақбҳо ва мавзеъҳои сохтмони пулҳо барои пешгирии лой ва чангу ғубори мошинҳои боркаш;
- Омузиши кормандон ҷиҳати амалияҳои беҳтарини сохтмонӣ; ва
- Суръати маҳдуд ҳангоми ҳаракат аз тариқи қитъаҳои маскун, ки барангезиши партоби чанг коҳиш меёбад.

Илова ба ин, пудратчӣ Нақшаи идоракунии сифати ҳаво таҳия хоҳад кард. Нақшаи мазкур ҳамаи тадбирҳои иловагии тахфиф барои то ҳадди ақал кам кардани таъсир ба қабулкунандагони ҳассосро дар марҳалаи сохтмон фароҳам мелварад. Ҳамчунин, Нақшаи идоракунии ҳаракати нақлиёт, Нақшаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда, Нақшаи идоракунии корхонаи асфалт, Нақшаи идоракунии хелидани бетон ва Нақшаи идоракунии тандурустӣ ва бехатарии аҳли ҷамоа таҳия карда хоҳанд шуд ва барои кумак кардан дар идоракунии таъсирот ба сифати ҳаво мавриди истифода қарор дода хоҳанд шуд.

Барои марҳалаи истифодабарӣ тадбирҳои иловагии тахфифи таъсирот муайян карда нашудаанд. Роҳ мавриди хизматрасонии техникӣ ва назорати маъмулӣ қарор хоҳад гирифт. Агар чангу ғубори аз ҳад зиёд мушоҳида шавад, барои коҳиш додани он тадбирҳо ба кор бурда хоҳанд шуд.

## 8.2 ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ ВА ЗАХИРАҲОИ ТАБИИИ ЗИНДА

Лоиҳаи мазкур дар ҳудуди минтақае ҷойгир аст, ки дорои муҳити табиии худ аст ва мавриди дараҷаҳои мухталифи таъсир аз ҷониби инсон қарор дорад. Қисмати бештари ин дар натиҷаи фишори чаронидани дарозмуддати чорво ва буриши дарахтон (ки муҷиби ноустувории хок ва эрозияи минбаъда гаштааст) сурат гирифтааст.

Дар мавзеъҳое, ки фишори чаронидани чорво камтар аст, муҳити табиии гуногун бештар вуҷуд дорад, аз он ҷумла, ҷангалҳои таҳҷоии марғзор ва теппаҳои пур аз растанӣ.

### 8.2.1 Растаниҳои руизаминӣ

Минтақаи Лоиҳа дар муҳити табиии пастиҳо воқеъ аст. Ин минтақа гарм аст, дорои ҷангалҳои дарахтони паҳнбарг ва буттаҳо буда, дар он минтақаҳои даштӣ ва ҷангалу даштӣ ағлабият доранд.

Растаниҳои фаровонтарин дар тамоми минтақаи Лоиҳа ва минтақаи аз он ҳам васеътар бисёрсола / алафҳои кутоҳқад мебошанд, ки ин ба амалияи ҳамешагии чаронидани чорво дар минтақа далолат мекунад. Дар минтақаҳо, ки фишори чаро камтар ба назар мерасад, алаф бо гиёҳҳо ва буттаҳо омехта шудаанд.

### 8.2.2 Ҳайвоноти руизаминӣ

Гуногунии ҳайвонот дар тамоми минтақаи Лоиҳа (ва минтақаи васеътар аз он) пурнамуд аст, ки гуруҳҳои сершумори ҷонваронро муаррифӣ мекунад. Ташвиш ҷиҳати ҳифзи ҳузури намудҳои ҷонварон дар давоми сол вобаста ба вазъи ағлаби обуҳаво ва дигар таъсирот, аз қабили ҳаракати чорвои маҳаллӣ, гуногун аст.

- Ҷонварони хушкию обӣ. Дар Тоҷикистон 2 намуди ҷонварони хушкию обӣ – ғуки сабзранг (*Bufotes viridis*) ва қурбоқаи обӣ (*Pelophylax ridibundus*) арзи вуҷуд мекунанд. Ҳардуи намуд нақши муҳиме барои нигоҳдории мувозинати экологӣ мебозанд ва ғизояшонро ҳашароти бесутунмуҳра ташкил медиҳанд.
- **Хазандаҳо.** Чунин шуморида мешавад, ки дар минтақаи Лоиҳа қариб 47 намуди хазандаҳо эҳтимолан зиндагӣ кунанд, аз он ҷумла морҳо, калтакалосҳо ва намудҳои ягонаи сангпуштҳо.
- **Парандаҳо.** Ҷонварони паранда дар минтақаи Лоиҳа бениҳоят бисёранд. Аз 400 намуди паранда дар Тоҷикистон тақрибан 150 намудаш дар ин ҷо пайдо карда мешавад, ки аз ҷумла 56 намуд дар ҳамин минтақа лона мегузорад.
- **Ширмакон.** 84 намудашон дар Тоҷикистон вуҷуд доранд ва бисёрии онҳо дар минтақаи Лоиҳа зиндагӣ мекунанд.
- **Мушҳои паррон.** Дар Тоҷикистон ҳашт намуди муши паррон арзи ҳастӣ мекунад ва бисёре аз онҳо гоҳ-гоҳе дар минтақаи Лоиҳа эҳтимолан вуҷуд дошта бошанд. Дар иморатҳо (манзилҳо /оғилхонаҳо) ва тарқишҳои ғорҳо / харсангҳо имконияти шабгузаронӣ ва дар айни ҳол ҳамчунин захираҳои фаровони ғизоӣ мавҷуд ҳастанд.
- **Моҳӣ.** Дарёҳои Сурхоб ва Вахш барои 3 – 4 намуди моҳӣ манзили вуҷуд мебошад, ки аз онҳо барои аҳолии маҳаллӣ гулмоҳӣ аҳамияти махсус дорад.

### 8.2.3 Намудҳои биологӣ, ки боиси ташвиш ҳастанд

Ҳафт намуди растаниҳои нодир ва мавриди хатар вуҷуд доранд, ки ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири солҳои 2015 ва 2017) ворид карда шуда, аз ҷониби давлат мавриди ҳифз қарор дода шудаанд (Руйхати 1) ва дар минтақаи Лоиҳа меруянд, ҳарчанд дар нишебиҳои бари қуллаҳои куҳ, куҳрезаҳои фурурафта, дар минтақаҳои даштӣ ва марғзорон, ва, умуман, берун аз маҳалли фаъолияти бевоситаи Лоиҳа. Намудҳои биологии мазкур иборатанд аз:

- *Cousinia corymbosa*
- *Alium Rosenbachianum*
- *Alium spititatinum*
- *Alium Suworovi*
- *Tulipa praestans*
- *Anemone bucharica*
- *Iris Haoliana*

Ғайр аз растаниҳои дар боло зикршуда, эҳтимол меравад, дар тули минтақаи Лоиҳа шояд дарахтони мевадиҳандаи қадимӣ ҳам вуҷуд дошта бошанд, ки чунин намудҳои ба мисли нашпотӣ (Pyrus spp.) ва олучабандак (Prunus spp.) – ро дар бар гиранд.

### 8.2.4 Минтақаҳои мавриди ҳифз (Расмӣ / ғайрирасмӣ)

Дар ҳудуди таъсири Лоиҳа қитъаҳои мавриди ҳифз ҷойгир нашудаанд. Наздиктарин чунин қитъа Мамуъгоҳи давлатии табиии Ромит мебошад, ки дар масофаи 25 км шимолу ғарби Лоиҳа воқеъ аст. Минтақаи мазкур қаблан аз ҷониби IUCN ҳамчун мавзеи асосии гуногунии биологӣ эътироф шуда буд, аммо ба сабаби бадном гаштани арзиши Мамнуъгоҳ дар натиҷаи чарои ғайримунтазам, ҳезум ҷамъоварӣ ва шикори ғайриқонунӣ он мақоми мазкурро аз даст додааст1.

Минтақаи дигари наздиктарин Боғи миллии Сарихосор ба шумор меравад, ки тақрибан 30 км ҷанубтари Лоиҳа ҷойгир гаштааст.

### 8.2.5 Сохтмон

Интизор меравад, ки ба сабаби рушди роҳ дар ҳудуди трассае, ки аллакай боиси ташвишу дахолат гаштааст, ва дар ҳудуди мавзее ҷойгир аст, ки дар тули солҳои зиёд мавриди фишори одамӣ қарор гирифтааст (алалхусус, чаронидани чорво), таъсири маҳдуде ба гуногунии биологӣ расонида хоҳад шуд.

### 8.2.6 Истифодабарӣ

Таъсири истифодабарӣ аз хавфи афзоишёбандаи садамаҳои нақлиёти роҳ бо ҷонварони ваҳшӣ ва фишори афзояндаи шикор /ҷамъоварӣ дар натиҷаи беҳтар шудани дастрасӣ ба минтақаи Лоиҳа тавассути роҳи нав иборат мебошад.

### 8.2.7 Тахфифи таъсирот

Ҳарчанд ки таъсирот ба гуногунии биологӣ маҳдуд ба шумор меравад, боз ҳам як қатор тадбирҳои тахфифӣ бояд қабул карда шавад. Нақшаи идоракунии гуногунии биологӣ (НИГБ) таҳия карда шуда ҳангоми марҳалаи сохтмонӣ мавриди татбиқ қарор дода хоҳад шуд. Он иборат хоҳад буд аз (вале на танҳо аз) :

- Таъйин намудани корманд барои анҷом додани мушоҳидаҳои иловагии пешазсохтмонӣ бо таваҷҷуҳи хосса ба растанӣ ва ҷонвароне, ки барои ҳифз намудан дорои аҳамият ҳастанд;
- Амалияи хуби дар мавзеъ татбиқшаванда барои таъмини он, ки муҳити табиӣ бе зарурат мавриди таъсири корҳо қарор нагирад;

---

[1] Ning, Wu; Rawat, GS; Joshi, S; Ismail, M; Sharma, E. 2013. Чарогоҳҳои баландкуҳҳо ва ҳудуди байни онҳо дар Ҳиндукуши Ҳимолой. Катманду: ICIMOD

- Барномаи маърифатӣ / огоҳсозии мардуми маҳаллӣ ва қувваи корӣ барои пешгирии шикор / шикори ғайриқонунӣ / ҷамъоварии тухмиҳои нодир; ва
- Мониторинги фаврии садамаҳои нақлиёт бо ҷонварони ваҳшӣ.

Ҳангоми вуҷуд доштани тадбирҳои тахфифӣ асарҳои боқимонда ба гуногунии биологӣ зиёд ба шумор намераванд.

## 8.3 ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ - ПАРТОБҲОИ ГАЗИ ГАРМХОНАҲО

Газҳои гармхонаҳо (ГГХ) газҳои табиӣ ва сунъие мебошанд, ки дар атмосфера ба вуҷуд омада, шуои радиатсионӣ ба худ ҷабида ва ё аз худ хориҷ карда, ҳамин тариқ неруи офтобро дар атмосфераи замин нигоҳ медоранд. Мусолиҳаи илмӣ вуҷуд дорад, ки афзоиши зиёди дараҷаи такассуфи (консентратсияи) ГГХ аз манбаъҳои сунъӣ (аз ҷониби одам эҷодшуда) ба гармшавии глобалӣ ва тағйирёбии иқлим мусоидат боис мешавад.

Аз охирҳои солҳои 1990 то ба имруз кишоварзӣ манбаи асосии партоби газ дар Тоҷикистон будааст. Бо дарназардошти сатҳи пасти механизатсия, камғизоии чорво, ва инчунин истифодаи маҳдуди нуриҳо партобҳо аз бахши кишоварзии Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои дигари Осиё ва Аврупо камтаранд. Имконияти эҳтимолии ба таври зиёд коҳиш додани партобҳои кишоварзии гази карбон барои ҳамин маҳдуд мебошад, дар ҳоле ки тадбирҳои дигари зербахшҳои иқтисодӣ умедбахшанд, махсусан дар соҳаи тавлиди неру ва саноат. Бахши нақлиёт бинобарин ҳаддалимкон нигоҳ доштани партобҳои гази гармхонагиро дар сатҳи камтарин бояд таъмин кунад.

### 8.3.1 Сохтмон

Ҳангоми сохтмон ягон манбаи эҳтимолии партобҳо бо бузургии калон мавриди чашмдошт нест. Партобҳо бо бузургии миёна ҳангоми сохтмон эҳтимолан аз манбаъҳои зерин бармеоянд:

- Партобҳои марбут бо ихроҷ ва истеҳсоли маводи хоми зарурӣ;
- Партобҳо аз маводи сухт ва барқи мавриди истифодаи воситаои нақлиёт барои ҳамлунақли мавод ба мавзеи кор ва аз мавзеи кор; ва
- Партобҳо аз маводи сухт ва барқи мавриди истифодаи корхона ва таҷҳизот дар мавзеи кор.

### 8.3.2 Истифодабарӣ

Ҳангоми истифодабарии роҳ, интизор намеравад, ки асари манфии ГГХ дар натиҷаи Лоиҳа ба миён ояд. Мавриди интизор аст, ки афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт тавассути камшавии дарозии роҳи сафар ба тавозун меояд (ҷуброн мешавад), агар Лоиҳа вуҷуд намедошт.

### 8.3.3 Тадбирҳои тахфифи таъсир

Чуноне ки дар робита бо сифати ҳаво, садову мағал ва ларзиш буд, пудратчӣ таъмин хоҳад кард, ки тамоми таҷҳизоти мавриди истифода мутобиқи мақсад ва самаранокии корӣ бошад.

Барои то ҳадди ақал кам кардани истифодаи мавод дар он ҷое, ки имкон дорад, бо мақсади кумак ба коҳиш додани ҳаҷми муҳтавои карбон дар маводи сохтмонӣ имкониятҳо мавриди ҷустуҷу қарор дода хоҳанд шуд.

## 8.4 ОСЕБПАЗИРӢ АЗ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Ба мисли дигар кишварҳо иқлими Тоҷикистон низ дар натиҷаи тағйирёбии иқлим тағйир ёфта истодааст. Тағйирёбии калидии иқлим ба таври зайл мавриди интизор аст:

- Дараҷаи гармӣ – афзоиши ноустувории дараҷаи ҳаво (пасту баланд шудани он)
- Боришоти пуршиддат – дар натиҷа фаромадани ярчу, лағжиши замин, селоб ва лойсел
- Обшавии пиряху барф
- шамол – вазиши бошиддати бод ва бурон

Ин ба Лоиҳа ба таври зайл метавонад таъсир расонад:

- Афзоиши эрозияи рупуши роҳ ва сохторҳои бетонӣ
- Афзоиши фишор ба низоми заҳбурҳо
- Афзоиши хавфи лойсел, ки ба сохторҳои дохилидарёӣ, аз қабили пулҳо, таъсир мерасонанд
- Афзоиши хавф барои воситаҳои баландбари нақлиёт
- Афзоиши чангу ғубор

### 8.4.1 Тадбирҳои тахфифи таъсир

Ҳангоми тарҳрезии муфассал ва сохтмон Нақшаи идоракунии мутобиқати сохтмон ба иқлим таҳия карда хоҳад шуд. Ин таъмини онро фароҳам хоҳад кард, ки корҳои муваққатии сохтмонӣ ба мутобиқшавии унсурҳои доимии Лоиҳа таъсир нахоҳанд расонд. Масалан, роҳҳои муваққатӣ қитъаҳои инфрасохтори роҳи доимиро зери хавф намегузоранд.

Накшаи идоракунии мутобиқати сохтмон ба иқлим таъмини онро хоҳад кард, ки тадбирҳои муносиби тарҳрезӣ, тавсифоти техникии мавод ва механизмҳо барои идоракунии хавфи мутобиқшавӣ ба иқлим ба назар гирифта шаванд, аз он ҷумла:

- Низоми заҳбурҳо барои ҳолатҳои шохнамҳои шадид иқтидори кофӣ дошта бошанд.
- Роҳ аз лиҳози ноустувории нишебиҳо ҳимоя шуда бошад
- Маводи рупуш ба таври кофӣ тавсифи техникӣ дошта бошанд
- Унсурҳо метавонанд дар муддати дертар иваз карда шаванд, вале компонентҳои (ҷузъҳои) бештар мутобиқшаванда дошта бошанд
- Пулҳо иқтидори бардошти таъсири боди шадидро дошта бошанд

Ҳангоми истифодабарӣ инфрасохтор мавридисанҷишу назорати мунтазам қарор хоҳад гирифт, махсусан баъди ҳолатҳои борони шадид ва селҳои пуриқтидор, то ки ҷиҳати нарасидани зарару зиён ба пулҳо мутмаъин шуд. Ҳаргуна зарару зиён ҳарчи зудтар рафъу таъмир карда шуда, мутмаин бояд кард, ки пулҳо аз лиҳози сохторӣ солим боқӣ мондаанд.

Механизми фаврии баррасии шикоятҳо (механизми ҳаллу фасли шикоятҳо – МБШ) барҷо хоҳад буд, то ки имконияти вокуниш аз ҷониби пудратчиёни хизматрасониҳои техникӣ нисбати мушоҳидаҳои аҳли ҷамоа вуҷуд дошта бошад.

## 8.5 МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ

### 8.5.1 Сохтмон

Бархурди захираҳои бостоншиносӣ ва ё фарҳангӣ ҳангоми татбиқи Лоиҳа мавриди чашмдошт нест, чунки корҳои асосӣ дар даҳлезе анҷом дода мешаванд, ки кори кандану ихроҷ қаблан иҷро карда шуда буданд ва аз дарёфти чизе гузоришоте ироа нашуда буданд.

### 8.5.2 Истифодабарӣ

Ҳангоми марҳалаи истифодабарӣ таъсироти муҳиме ба мероси фарҳангӣ мавриди интизор нест.

### 8.5.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Тибқи Талаботи натиҷаи иҷроиши 8 – и БАТР тартибу расмиёти Дарёфти фурсати хуштолеъ ташкил карда мешавад. Нақшаи идоракунии мероси фарҳангӣ (НИМФ) таҳия карда хоҳад шуд ва мавриди татбиқ қарор дода хоҳад шуд, то таъсироти сохтмон ба захираҳои фарҳангӣ тахфиф дода шаванд (аз қабили чангу ғубор ва ларзиш).

## 8.6 ХАВФҲОИ ТАБИӢ

### 8.6.1 Шароити сейсмологӣ

Тоҷикистон эҳтимолияти сейсмологии нисбатан баланд (масалан, заминларза) – ро дорад, ки танҳо дар семоҳаи 1 ва семоҳаи 2 соли 2019 нуҳ заминларза бо магнитудаи 4 ё баландтар аз он сурат гирифт. Минтақаи Лоиҳа низ ҳамчун минтақаи дорои хавфи бисёр баланди сейсмологӣ тасниф карда мешавад.

### 8.6.2 Фуру омадани ярч, лойсел ва селобҳо

Дар Тоҷикистон маҷрои сел ва маҷрои лою сангу шикастапораҳои кӯҳии бо онҳо марбут бар асари боронҳои пуршиддат сурат мегиранд. Маҷроҳои сел беш аз ҳама маъмулан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва доманатеппаҳо дар баландии одатан то 2, 000 м ба миён меоянд. Маҷроҳои сел дар натиҷаи бориши шохнамҳои пуршиддат ва обшавии барф / пиряххо рух медиҳанд. Маҷроҳои сел, ки дар натиҷаи обшавии ях сурат мегиранд, кутоҳмуддат буда, аммо зарару хисорати бештар ба миён меоранд.

Дар солҳои 1990 дар саросари кишвар қариб 50,000 ярч ба қайд гирифта шуда буд, аз он ҷумла дар минтақаҳои аз лиҳози сейсмологӣ хавфнок ва ғайрихавфдор бо такассуфи бештарин (консетратсия) дар қисматҳои ғарбӣ ва марказии кишвар.

Мушоҳидаҳои геологӣ ба он далолат мекунанд, ки фаромадани ярчҳои гуногуннавъ дар минтақаи Лоиҳа рух медиҳад. Ярчҳои сангии поёну пастиҳо асосан паҳнупарешон буда, метавонанд масоҳати бузургеро фаро гиранд.

Маҷроҳои лойсел дар натиҷаи омилҳои зерин ташаккул мееёбанд:

- Лаби ҷарҳо бо нишебии тезу бузург воқеъ дар наздикии дарёҳо;
- Захираҳои бузурги маводи сусттаркиб дар нишебиҳо ва рудхонаҳо; ва
- Шохнаму боронҳои пуршиддат.

Маҷроҳои лойсел бо дарёҳои зерин дар минтақаи Лоиҳа марбут мебошанд:

- Дарёи Қандак/ Гулистон

- Дарёи Ҳакимӣ
- Дарёи Тагикамар
- Дарёи Чепакдара
- Дарёи Муҷихарф
- Дарёи Тегерми

### 8.6.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Ҳангоми сохтмон барои таъмини омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда дар натиҷаи доираи васеи хавфҳо, аз қабили ярч, маҷроҳои лойсел, заминларза ва селоб тадбирҳои муайян таҳия карда хоҳанд шуд.

Ҳангоми давраҳои боришоти пуршиддат ҳамаи инфрасохтори нав ба таври мунтазам мавриди санҷишу назорат қарор хоҳад гирифт, то мутмаин карда шавад, ки ба он дар натиҷаи маҷрои селоб ва маҷрои лойсел зарару зиён нарасидааст. Агар зарару зиён ҷой дошта бошад, он таъмир карда шуда, мутмаин карда мешавад, ки барои истифода бехатар боқӣ мемонад.

Чи тавре ки дар поён дар қисмати Геология ва хок ишора карда мешавад корҳои устуворкунии нишебиҳо ҷузъе аз Лоиҳа хоҳад буд ва бехатарии тули трассаро беҳтар хоҳад кард.

## 8.7 ГЕОЛОГИЯ ВА ХОК

Дар зери аксарияти қисматҳои роҳи нав санги хоро ва агрегатҳо мавҷуданд. Ба туфайли топография ҳаҷми хок маҳдуд аст. Дар наздикиҳои трасса ҳеҷгуна таҳқиқоти замин анҷом дода нашудааст, аммо бо дарназардошти асосан дурӣ ва ноободии мавзеъ эҳтимолияти вуҷуди ифлосшавӣ хеле ночиз ба шумор меравад. Эҳтимолияти ифлосшавии боқимонда (масалан, аз маводи сухт ва гидрокарбонҳо) вуҷуд дорад, ки бо корҳои қаблии сохтмони трасса дар солҳои 1980 - ум марбут ҳастанд.

Эрозияи хок дар минтақаи Лоиҳа ба трасса таъсири зиёд расонидааст. Ду омили асосӣ, ки боиси таназзули хок дар минтақаи Лоиҳа шудаанд, дар натиҷаи ҷараёни об аз нишебиҳо бо эҷод кардани сой ба вуҷуд омадаанд, ки раванди эрозияи хокро суръат мебахшанд. Омилҳои антропогенӣ ё худ одамӣ ҳамчунин ташаккули эрозияро аз тариқи рушди бошиддати кишоварзӣ дар нишебиҳои роҳ ва амалияҳои зироаткории ноустувор афзоиш мебахшанд.

Дар минтақаи Лоиҳа асари эрозия дар сатҳи маҳаллӣ дар ҳама ҷамоатҳо идора карда мешавад.

### 8.7.1 СОХТМОН

Коҳиши хавфи манбаъҳои эҳтимолии ифлосшавӣ – ин қабули амалияҳои хуб дар мавзеъҳои кор мебуд, ки муфассалтар дар Нақшаи идоракунии экологии сохтмон оварда хоҳад шуд. Ҳамаи коргарон бо таҷҳизоти шахсии муҳофизат барои коҳиш додани хавфи тамос бо омилҳои ифлоскунандаи хатарнок таъмин карда хоҳанд шуд.

### 8.7.2 Истифодабарӣ

Ҳангоми истифодабарӣ табиати сохтмони роҳ ҳамчун монеа барои хоки эҳтимолан ифлосшудаи зери трассаи роҳ амал хоҳад кард.

### 8.7.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Ҳаргуна маводи хатарноки дар аснои сохтмон пайдошуда тавассути пудратчиёни барои рафъи партобҳо иҷозатномадошта мавриди рафъу партоб кардан қарор хоҳад гирифт.

Эҳтимолияти ифлосшавии дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ рухдиҳанда (резиш ва бадар рафтани обҳои ифлосшуда) аз тариқи нақшаҳои мушаххаси идоракунии сохтмон, аз ҷумла Нақшаи идоракунии резиши об, Нақшаи идоракунии захираҳои об ва Нақшаи идоракунии лагери корӣ, саришта карда хоҳад шуд.

Дар доираи Лоиҳа мутмаин карда хоҳад шуд, ки корҳои устуворкунии нишебҳо барои коҳиши эҳтимолияти ярчҳо дар ҷавори роҳ анҷом дода шаванд.

## 8.8 МАВЗЕЪ ВА МАНЗАРА

Релйефи минтақа асосан кӯҳӣ буда, дар қисмати болоии қаторкуҳ, ки қуллаҳои тез ва пиряххои хурд дорад, ба қитъаҳои зер - Алпӣ ва Алпӣ пайвастагӣ дорад. Қариб ҳар як дара ҷуйбор ва дарё дорад. Дар нишебиҳои тез харсанг ва таҳнишинҳои (депозитҳои) сангпораҳои сершумор (ва ё санги / сангрезаи ноустувор) ҷойгиранд.

### 8.8.1 Сохтмон

Ҳангоми сохтмон ба мавзеъ ва манзараҳо дар натиҷаи истифодабарии техникаи сохтмонӣ, корҳои сохтмонӣ ва ворид кардани мавод таъсир расонида хоҳад шуд. Ин ҳамчунон дар тули Лоиҳа боиси афзоиши садову мағал ва чангу фаъолиятҳо хоҳад шуд.

Фаъолиятҳои сохтмонӣ эҳтимолияти шадиди таъсир ҷиҳати растаниҳои мавзеи кор, табиати мавзеи маҳаллӣ ва бинандагони манзараҳои маҳаллӣ дорад.

### 8.8.2 Истифодабарӣ

Лоиҳа инчунин табиати мавзеъҳои маҳаллии минтақаи мустақими худро тавассути ворид кардани қитъаҳо бо рупушҳои сахт ва инфрасохтори биношуда тағйир хоҳад дод.

Бо истиснои бинандагони маҳаллии манзараҳои иҳотакунандаи Лоиҳа, махсусан моликиятҳои мунъазилшуда, интизори он намеравад, ки Лоиҳа тавассути татбиқи тадбирҳои тахфифдиҳанда ҷиҳати табиати мавзеъҳои маҳаллӣ ва ё бинандагони манзараҳо таъсири зиёди манфӣ дошта бошад.

### 8.8.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Ҳангоми тарҳрезии муфассал ва марҳалаи сохтмон Нақшаи идоракунии мавзеъи табиӣ ва манзара татбиқ карда хоҳад шуд, ки тадбирҳоро оиди аз нав шинондани растаниҳо дар бар мегирад. Ин таъмини онро хаҳад кард, ки дар марҳалаи сохтмон таъсир ба мавзеъҳои табиӣ дар ҳадди ақал нигоҳ дошта хоҳад шуд ва инчунин маводеро муқаррар хоҳад кард, ки барои таъмини мутобиқати инфрасохтори нав ба мавзеъҳои табиӣ мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

## 8.9 ЗАХИРАҲОИ МОДДӢ ВА ПАРТОБҲО

### 8.9.1 Сохтмон

Истеъмоли мавод ва эҷоди партобҳо ҳамчун қисме аз Лоиҳа сурат мегирад. Ҳангоми сохтмон мавод эҳтимолан асфалт, маводи зерасос (агрегат), бетон, маводи битумӣ, бетон, филизот ва пластикро дар бар гиранд.

Партобҳои хатарноки мавриди интизор ҳангоми корҳои пешазсохтмонӣ ва сохтмонӣ шояд асбестро дар бар гиранд.

### 8.9.2 Истифодабарӣ

Интизор меравад, ки Лоиҳа ҳангоми истифодабарӣ миқдорҳои камтарини маводро истеъмол карда, ҳаҷмҳои хурдтарини партобҳоро эҷод хоҳад кард. Чунин шуморида мешавад, ки фаъолиятҳо оиди хизматрасониҳои техникӣ эҳтимолияти истеъмоли миқдорҳои ночизи компонентҳои махсус (масалан, аломатгузорӣ ва рушноидиҳӣ) ва маҳсулоти асосӣ (асфалт), ва эҷоди ҳаҷмҳои ночизи партобҳои марбутаро хоҳад дошт. Ҳаргуна маводи зарурӣ ба истеъмоли захираҳои табиӣ таъсир мегузорад, ки дар натиҷа боиси коҳиши захираҳои табиӣ ва захираҳои маҳаллӣ / минтақавӣ шуда, ба истеъмоли маводи сохтмонӣ таъсири бевоситаи манфӣ ва доимӣ хоҳад расонид.

Вале, дар асоси тарҳрезии Лоиҳа ва уҳдадориҳо чунин шуморида мешавад, ки таъсири партобҳои истеҳсолӣ (истифодабарӣ) эҳтимолияти на он қалар зиёд хоҳад дошт.

### 8.9.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Нақшаи идоракунии партобҳо ҳангоми фаъолиятҳои сохтмонӣ амалӣ карда хоҳад шуд. Ҳангоми татбиқ кардани тадбирҳои мазкури тахфифбахшӣ таъсирот метавонанд то ҳадди қобили қабул коҳиш дода шаванд.

Механизмҳои дақиқ дар нақшаи идоракунии партобҳо муқаррар карда хоҳанд шуд, ки аз ҷониби пудратчӣ таҳия карда мешавад, ва ҷузъи таркибии Нақшаи пудратчиро оиди идоракунии экологии мавзеи кории мушаххас ташкил медиҳад.

## 8.10 САДОВУ МАҒАЛ ВА ЛАРЗИШ

### 8.10.1 Сохтмон

Садо ва ларзиш метавонанд ба қабулкунандагони ҳассос, аз қабили хонаҳо ё сокинони маҳаллӣ, ки ба ҷои корҳо наздик воқеъ гаштаанд, таъсири манфӣ расонанд.

Ҳамчун таъсири садо ва ларзиши муваққатӣ онҳое муайян карда шудаанд, ки дар давраи байни оғози корҳои пешакӣ (масалан, рафъ намудани растаниҳо) ва интиҳои давраи сохтмонӣ ба вуқӯъ мерсанд. Дар он ҷойҳое, ки дар онҳо бояд ба мавзеи корӣ ё аз он мавод ҳамлунақл шавад, таъсири садои ҳаракати нақлиёти иловагӣ дар тули хатсайр эҳтимол берун аз даҳлези бевоситаи сохтмон паҳн шавад.

Сохтмони нақбҳои нав анҷом додани таркишҳоро талаб мекунад, ки сатҳи хеле баланди садо ва ларзишро дар маҳалҳои хеле наздик ба ҷои чунин корҳо эҷод мекунад.

### 8.10.2 Истифодабарӣ

Лоиҳа сатҳи садову ларзишро дар муқоиса бо шароити кунунии мавзеи кор афзоиш медиҳад, чунки ҳаҷми нақлиёт дар трассаи кунунӣ бениҳоят кам аст. Барои канораҷуӣ аз таъсироти манфӣ тадбирҳои тахфифи онҳо лозим хоҳанд шуд.

### 8.10.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Дар Нақшаи идоракунии садо ва ларзиш тадбирҳои мушаххаси тахфифи садо валарзиш дарҷ карда хоҳанд шуд. Онҳо иборатанд аз:

- Пудратчӣ тавассути истифода аз монеаҳои табиии топографӣ ва ё аз тариқи ҷойгузорӣ кардани монеаҳои воқеӣ (физикӣ) дар байни фаъолиятҳои истеҳсолӣ ва истифодабарандагони ҳассос ва инчунинтанҳо рузона кор кардан саъй хоҳад кард, таъсири садоро то ҳадди ақал коҳиш диҳад;
- Ҳамаи воситаҳои нақлиёт бо садопасткунандаҳо муҷаҳҳаз карда хоҳанд шуд, ки мунтазаман мавриди назорат қарор хоҳанд гирифт, то мутмаин карда шавад, ки самаранок амал мкунанд;
- Корҳои инфиҷорӣ (таркиш) берун аз соатҳои меъёрии корӣ амалӣ карда нахоҳанд шуд. Сокинони мавриди таъсир оиди таърих ва замони таркиш сари вақт огоҳонида хоҳанд шуд.
- Корҳои инфиҷорӣ тибқи Нақшаи идоракунии корҳои инфиҷорӣ амалӣ карда хоҳанд шуд.

Нақшаи садо ва ларзиш ҳангоми истифодабарӣ татбиқ карда хоҳад шуд, ки механизмҳои баррасии шикоятҳоро ҳангоми истифодабарии схема (Механизми баррасӣ ва ҳаллуфасли шикоятҳо) дар бар мегирад.

## 8.11 МУҲИТИ ОБ

Лоиҳа дарёҳои зеринро убур хоҳад кард:

- Дарёи Қандак / Гулистон
- Дарёи Газакиён
- Дарёи Зуриён
- Дарёи Себнок
- Дарёи Ҳакимӣ
- Дарёи Тагикамар
- Дарёи Чепакдара
- Дарёи Муҷӣхарф
- Дарёи Мирзошарифҷон
- Дарёи Даштигурон
- Дарёи Тегермӣ
- Дарёи Калот

Ҳамаи дарёҳои минтақаи Лоиҳа ду намуди хоси маҷро доранд; маҷрои шадид дар баҳору тобистон ва маҷрои паст дар тирамоҳу зимистон. Маҷроҳои шадид вобаста ба баландии ҷуғрофии дарё дар вақтҳои каме мухталиф оғоз мешаванд. Мавсими баҳор маъмулан дар байни моҳҳои феврал ва март дар шакли бориши барф оғоз мешавад. Маҷроҳои шадидтарин одатан дар моҳҳои апрел – май дар натиҷаи бориши борон сурат мегиранд. Дар тули ин давра хавфи лойсел афзоиш меёбад. Маҷрои ҳадди ақали дарё аз руи захираҳои обҳои

зеризаминии минтақаи гирдуатрофи дарё муайян карда мешавад. Дар маҷроҳои доимии оби равон дар минтақаи таҳқиқотӣ андозаи пасти ҷараён аз 0.20 то 1.0 $м^3$/с – ро ташкил медиҳад.

Қисмати аксари оби нушокӣ аз манбаъҳои зеризаминӣ гирифта мешавад. Сокинони деҳот барои аз мавзеи теппаҳо ба манзилҳои алоҳида овардани об аз лулаҳои пластикии танг (масалан, шланг) истифода мекунанд. Вақте ки манбаи об дар тарафи дигари роҳ воқеъ бошад, лулаҳо аз тариқи ориқҷаҳо ва дигар сохторҳои лулагӣ аз зери трассаи роҳи мавҷуда мегузаранд.

### 8.11.1 Сохтмон

Сохтмон дар доираи метавонад ба муҳити об ба тариқи зайл таъсири манфӣ расонад:

- Резиши маводи ифлоскунанда (маводи сухт / бетон ва ғ.), ки бо оби руизаминӣ ва ё зеризаминӣ омехта мешаван
- Сар додани таштоб/ оби безарар карданашуда аз иншооти маҷмааҳои истиқоматӣ ва беҳдоштии сохтмон
- Корҳои сохтмонӣ бо истифодаи таъминоти оби маҳаллӣ, ки миқдори оби дар ихтиёри сокинони маҳаллӣ дастрасбударо коҳиш медиҳад
- Рафъи / зарару зиён ба инфрасохтори оби мавриди истифодаи аҳли ҷамоаи маҳаллӣ
- Партоби маводи ифлосшуда, ки дохили зарфҳои табиии оби руизаминӣ мегарданд

### 8.11.2 Истифодабарӣ

Афзоиши нақлиёт дар тули минтақаи Лоиҳа метавонад хавфи омезиши маводи ифлоскунандаро бо обҳои руизаминӣ ва зеризаминӣ аз тариқи сохторҳои заҳбурӣ зиёд кунад.

Имконияти эҳтимолии беҳтар кардони сифати об дар натиҷаи Лоиҳа вуҷуд дорад, чунки рупуши роҳ эҳтимол дорад миқдори оби боришотро дар иншооти обҳои руизаминӣ камтар кунад.

### 8.11.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Нақшаи идоракунии захираҳои об таҳия карда хоҳад шуд ва ҳангоми сохтмон мавриди татбиқ қарор дода хоҳад шуд, то мутмаин карда шавад, ки корҳои сохтмонии Лоиҳа ба мухити об таъсири манфӣ нарасонад. Ин Нақшаи идоракунии резиши маводро дар бар мегирад, ки барои камтар кардани таъсири ҳаргуна резиш дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ кумак хоҳад кард.

Нақшаи идоракунии захираҳои об ҳамчунин ҳисобукитоби миқдори эҳтиёҷоти корҳои сохтмонӣ ба обро анҷом медиҳад, то мутмаин карда шавад, ки миқдори кофии таъминоти об дар ихтиёр вуҷуд дорад ва таъминоти об барои сокинони маҳаллӣ мавриди таъсир қарор нахоҳад гирифт.

Лоиҳа чунон тарҳрезӣ карда мешавад, ки инфрасохтори мавриди истифодаи сокинон зери таъсир қарор нагирад. Бо сокинони маҳаллӣ оиди ҳамоҳангсозии мавзеъҳои нави лулаҳо ва ориқчаҳо барои пайвастагии таъминоти об барояшон машваратҳо гузаронида хоҳанд шуд.

Тарҳрезии низоми заҳбурҳо ифлосшавии обҳои руизаминӣ ва зеризаминиро дар натиҷаи резиш пешгирӣ хоҳад кард.

## 8.12 ИҶТИМОИЁТ

Лоиҳа дар ду ноҳия, Роғун ва Нуробод (Дарбанд) воқеъ гаштааст. Онҳо қисме аз ноҳияҳои тобеи Ҷумҳуриро – НТҶ (Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ташкил медиҳанд, ки ин минтақаест дар Тоҷикистон, иборат аз 13 ноҳияи воқеъ дар тобеияти мустақими ҳокимияти марказӣ. Теъдоди аҳолӣ ба 22,600 нафар дар Роғун ва 66,000 дар Нуробод мерасад. Шаҳри калонтарин дар минтақаи Лоиҳа Роғун мебошад, ки маркази ноҳияи Роғун буда, тибқи маълумоти соли 2007 тақрибан 9,600 нафар аҳолӣ дорад.

Теъдоди умумии 16,438 нафар дар 17 деҳаи мавриди таъсири Лоиҳа дар тули трассаи Лоиҳа истиқомат мекунанд. Дар маҷмуъ, 8,413 нафар мард ва 8,038 зан дар 2,007 хонавода зиндагӣ мекунанд. Андозаи миёнаи оила дар ин деҳаҳо аз шаш нафар дар Бозорак ва Дарбанд то даҳ нафар дар як хонавода дар деҳаҳои Сияҳгулак, Туҳтор ва Гулмон мебошад.

Дар минтақаи Лоиҳа мардуми хоси таҳҷоӣ вуҷуд надоранд.

### 8.12.1 Сохтмон

Лоиҳа метавонад ба мардуми маҳаллӣ бо тариқи зайл таъсир расонад:

- Ташвиш аз тариқи баландшавии садо барои мардуми маҳаллӣ, махсусан онҳое, ки дар наздикии даҳлези сохтмон истиқомат мекунанд (ниг. ба садов а ларзиш);
- Садамаҳои роҳ дар натиҷаи афзоиши ҳаракати нақлиёти сохтмонӣ;
- Таъсир ба инфрасохтори об (ниг. ба Муҳити об)
- Коҳиши сифати ҳаво ва таъсир ба тандурустии аҳли ҷамоа (чангу ғубор аз корҳои заминӣ) (ниг. ба Сифати ҳаво).
- Масъалаҳои дастрасӣ (ва интиқлёбии иқтисодӣ) дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ ва бастани роҳҳо
- Вуруди коргарони сохтмончӣ ва эҳтимолияти афзоиши ҳассосият ва осебпазирӣ ҷиҳати афзоиши ҷиноятҳо, майпарастӣ ва ғ. Таъсири эҳтимолии марбут ба низоъҳо байни коргарон ва мардуми маҳаллӣ вуҷуд дорад, баъзе занон шояд ноҳинҷорӣ ҳис кунанд.
- Барои аҳли ҷамоаи маҳаллӣ натиҷаҳои мусбати эҳтимолӣ низ вуҷуд доранд, дар шакли имкониятҳои шуғлу меҳнат ва омузиш, алалхусус имкониятҳо барои занон.

Таъсири иҷтимоии Лоиҳа ба худи коргарон низ бояд ба эътибор гирифта шавад. Агар қувваи кории сохтмон мавриди идоракунӣ қарор дода нашавад, пас Лоиҳа метавонад дар натиҷабоиси ба миён омадани ба масъалаҳои марбут ба меҳнати кудакон, қувваи корӣ, шароити бади корӣ ва шикоятҳои меҳнатӣ дар чорчуби созмони муассисаи пудратчӣ ва силсилаи таъминоти марбута гардад.

### 8.12.2 Истифодабарӣ

Роҳи нав эҳтимолан метавонад ба минтақа сармоягузориҳои нав ворид кунад ва ҳамчунин боиси афзоиши нархи замин гардад. Роҳи нав муддати замонии сафарро аз Аврупо ба Чин кутоҳтар хоҳад кард. Бино бар ҳамин, роҳи нав хатсайри асосӣ барои сафарҳои минтақавӣ хоҳад шуд ва афзоиши шумораи

истифодабарандагони роҳ эҳтимолан барои тиҷорату соҳибкорӣ ва кишоварзони маҳаллӣ даромади иловагӣ хоҳад овард. Ҳамчун қисме аз ин Лоиҳа аҳли ҷамоаҳои маҳаллӣ манфиатҳои муайяни иҷтимоиро соҳиб хоҳанд шуд, аз он ҷумла:

- Роҳи нав хатсайри кутоҳтаре, ва бо ҳамин тариқ, сафарҳои зудтаре фароҳам хоҳад кард;
- Минбаъд сармогузориҳои маҳаллӣ метавонанд ба минтақа аз тариқи боз кардани мағозаҳои нав, ошхонаҳо, нуқтаҳои фуруши маводи сухт ва ғ. Ҷалб карда шаванд.
- Вақте ки роҳи нав мавриди истифода қарор дода мешавад, ба туфайли беҳтар шудани дастрасӣ ба минтақаҳои дигар барои занони маҳаллӣ ҷиҳати дарёфти ҷои кор, барномаҳои омузишӣ ва таҷрибаомузии истеҳсолӣ имкониятҳои дарозмуддат фароҳам хоҳад шуд. Вале, интизор меравад, ки ингуна имкониятҳо маҳдуд хоҳад буд.

Таъсири Лоиҳа, марбут ба истифодабарии роҳ, ҳадди ақал буда, баъзе манфиатҳои иҷтимоӣ (аз он ҷумла шуғлу корёбӣ, беҳбудиҳои инфрасохторӣ) мавриди интизор ҳастанд.

Баъзе оқибатҳои марбут ба бехатарӣ дар натиҷаи Лоиҳа ҷой хоҳанд дошт, чунки инфрасохтори нав нисбат ба роҳи мавҷуда хеле машғулу фаъолтар хоҳад буд. Ин хавфи садамаҳоро афзоиш медиҳад.

### 8.12.3 Тадбирҳои тахфифи таъсирот

Барои то ҳадди ақал кам кардани таъсироти ин схема ба аҳолии маҳаллӣ як силсила нақшаҳо таҳия карда хоҳанд шуд ва ҳангоми сохтмон мавриди татбиқ гузошта хоҳанд шуд. Ин силсила аз он ҷумла Нақшаи иштирокдории ҷонибҳои манфиатдорро дар бар мегирад, ки барои иштирокдории пайвастаи ҷонибҳои манфиатдор аз тариқи Лоиҳа ва механизмҳо барои сокинони маҳаллӣ ҷиҳати бардоштани масъалаҳо оиди схема дар марҳалаи сохтмон барои ҳарчи зудтар ҳаллуфасл кардани масъалаҳо чорчуб муқаррар месозад. Пудратчӣ ва ҳамаи зерпудратчиён ба имзои Кодекси рафтор ҳамроҳ хоҳанд шуд, ки ин риояи меъёрҳои шароити меҳнат ва инчунин татбиқи ҳифзи экологӣ ва иҷтимоиро таъмин хоҳад кард. Имкониятҳо барои шуғлу меҳнати маҳаллӣ ва инчунин тадбирҳо барои канораҷуӣ аз низоъҳо дар байни қувваи корӣ ва аҳли ҷамоаи маҳаллӣ (аз он ҷумла зуроварии ҷинсӣ) фароҳам карда хоҳанд шуд.

Ҳамчунин барномаҳо оиди огоҳии аҳли ҷамоаҳо ба кор бурда хоҳанд шуд, аз он ҷумла ҷаласаҳо оиди огоҳӣ нисбати бехатарии роҳ бо таваҷҷӯҳи хосса ба гуруҳҳои осебпазир, аз қабили кудакон ва чупону подабонон.

Нақшаҳои сершумори идоракунӣ, ки қувваи корӣ ҳадафи онҳост, мавриди таҳия ва татбиқ қарор дода хоҳад шуд, аз ҷумла Нақшаи идоракунии шароити меҳнат ва кор (НИШМК) ва Нақшаи идоракунии бехатарии касбӣ ва тандурустии аҳли ҷамоа. Ин фазои бехатару амни кориро барои коргарон дар тамоми марҳалаи схтмон таъмин хоҳад кард.

Нақшаи идоракунии бехатарии касбӣ ва тандурустии аҳли ҷамоа барои марҳалаи истифодабарӣ таҳия карда шуда, ба сокинони маҳаллӣ пешниҳод

карда хоҳад шуд, то онҳо барои тағйирот дар ҳаҷми ҳаракати нақлиёт ва инфрасохтори нав омода бошанд.

## 9 ТАЪСИРОТИ ЛОИҲА АЗ ҶОНИБИ ЛОИҲА ЧИГУНА МАВРИДИ ИДОРА ВА МОНИТОРИНГ ҚАРОР ДОДА МЕШАВАД?

Барои Лоиҳа Нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ таҳия карда шудааст, ки тамоми соҳаҳои тахфиф бахшидан ба таъсироти дар боло муайяншударо дар бар мегирад. Он ҳамчун ҳуҷҷати зиндаи корӣ нигоҳ дошта шуда, ба ҳайси яке аз талаботҳои МТЛТР ва пудратчиёни он боқӣ хоҳад монд. Иҷроиши уҳдадориҳои мазкури НИЭИ минбаъд аз ҷониби БАТР ва БОР мавриди мониторинг қарор дода хоҳад шуд.

Ниҳоят, тарҳрезии муфассал ва пудратчиёни сохтмониро зарур хоҳад буд, то талаботи АТЭИ, НИЭИ ва НАЭИ – ро пурра иҷро намоянд, ва барои мутмаин сохтани он, ки талаботи мазкур пурра иҷро карда мешаванд, аудитҳои мустақил анҷом дода хоҳанд шуд.

## 10 НАҚШАИ ИШТИРОКДОРИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР (НИҶМ)

Нақшаи иштирокдории ҷонибҳои манфиатдор (НИҶМ) бо мақсади муайян кардани ҷонибҳои манфиатдори калидӣ ва тибқи зарурат мутмаин сохтани он, ки онҳо сари вақт аз таъсироти эҳтимолии Лоиҳа огоҳонида шудаанд, таҳия карда шудааст. НИҶМ ҳамчунин як механизми расмии баррасӣ ва ҳаллуфасли шикоятҳоро барои истифодаи ҷонибҳои манфиатдор (дохилӣ ва берунӣ) ҷиҳати сарикор гирифтан бо шикоятҳо (МБШ), ташвишҳо, пурсишҳо ва шарҳу эзоҳот муайян мекунад. Он ба таври мунтазам мавриди таҷдиди назар ва таҷдиди муҳтаво қарор хоҳад гирифт. Агар фаъолиятҳо тағйир ёбанд ва ё фаъолиятҳои нав дар иртибот бо иштирокдории ҷонибҳои манфиатдор оғоз шаванд, пас НИҶМ ҳам таҷдид карда хоҳад шуд. Он ҳамчунин ҳангоми татбиқи Лоиҳа давра ба давра мавриди таҷдиди назар қарор дода шуда, тибқи зарурат таҷдид карда хоҳад шуд. НИҶМ иборат аст аз:

- Талабот ҷиҳати машваратҳои ҷамъиятӣ ва ошкорбаёнӣ нисбати маълумот;
- Муайян кардани шахсияти ҷонибҳои манфиатдор ва ҷонибҳои дигари мавриди таъсир;
- Таҷдиди назар кардани фаъолиятҳои қаблӣ оиди иштирокдорӣ;
- Барномаи иштирокдории ҷонибҳои манфиатдор, аз он ҷумла усулҳои иштирокдорӣ ва захираҳо; ва
- Механизми баррасӣ ва ҳаллуфасли шикоятҳо.

Ҷонибҳои манфиатдор метавонанд ашхоси инфиродӣ ва созмонҳо бошанд, ки ба таври ғайримустақим ва ё мустақиман мавриди таъсири Лоиҳа қарор мегиранд, чи аз лиҳози мусбат ва чи аз лиҳози манфӣ, ки хоҳиши арз намудани ақидаҳои худро доранд.

## 11 МАЪЛУМОТИ МИНБАЪДА ВА ТАФСИЛОТИ ТАМОС

Ҳуҷҷатҳои марбут ба Лоиҳа, аз он ҷумла Гузориш оиди АТЭИ – и мазкурро, метавон аз манбаи зерин дархост кард:

| **МАЪЛУМОТ БАРОИ ТАМОС** |
|---|

| | |
|---|---|
| Ному насаб | ТАВАРОВ СУЛАЙМОН |
| Мансаб | Мутахассиси калон оид ба масъалаҳои кучониши сокинон, МТЛТР |
| Телефон | +992 904 22 4711 |
| Нишонӣ | Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айни, 14, Ошёнаи 4 |
| Email | pirrr@tojikiston.com |
| Сомонаи интернетӣ | http://www.mintrans.tj/ |

Шакл барои арзи шикоят дар робита бо Лоиҳа дар Замимаи A оварда шудааст.

**Замимаи А – Шакл барои арзи шикояти ҷамъиятӣ**

| | |
|---|---|
| ШАКЛ БАРОИ АРЗИ ШИКОЯТИ ҶАМЪИЯТӢ | |
| МАЪЛУМОТ БАРОИ ТАМОС | |
| Ному насаб: | Ҷинс: □ Мард / □ Зан |
| Нишонӣ: | |
| Ҷамоа: | Телефон: |
| Ҷамоат: | E-mail: |
| Шикояти махфӣ: □ Ҳа / □ Не | Тарзи афзали алоқа барои вокуниш: □ Почта / □ Телефон / □ E-mail |
| ТАВСИФИ ШИКОЯТ / ПЕШНИҲОД / САВОЛ | |
| Лутфан, тафсилот (кӣ, чӣ, дар куҷо, кай) – и шикояти худро дар поён дарҷ кунед: | |
| Дар ҳолати анҷом додани ягон амали дигар аз ҷониби шикояткунанда оиди қазияи ҳамин шикоят, лутфан, оиди амалҳои қаблӣ тафсилот биёред (агар ҷо дошта бошад): | |
| Лутфан оиди пешниҳоди худ ҷиҳати ҳаллуфасли ин шикоят тафсилот биёред: | |
| ТАФСИЛОТИ САБТИ ШИКОЯТ | |
| Ному насаби сабткунанда: | |
| Созмон: | Вазифа: |
| Шикоят чигуна арз карда шуд: □ шахсан / □ почта / □ e-mail / □ телефон / □ факс / □_______ | Навъи шикоят:<br>□ навъи А / □ навъи В / □ навъи С |
| Ҳуҷҷатҳои замимашуда: | Шикоят ба Лоиҳа муносибат дорад: □ Ҳа / □ Не, агар “Не”, пас он ба:_______________ таҳвил дода шуд |
| Эзоҳот: | |
| Имзои сабткунанда: | Таърихи арзи шикоят: |